# ПРОТОКОЛИ №58-ИҲ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 23 майи соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**а**з 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдикгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онхо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Каримова И. Х. ва аъзои комиссия Раҳимзода Х. ва Шербоев С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;
- Хоҷаев Қурбон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон;
- Абдураҳимзода Қудратулло Саид - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 29 августи соли 2025, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Б.

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ — М. Саидова